Хулосаи

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-065 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, htt://www/tajagroun.tj) доир ба қабули диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич дар мавзуи "**Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон**" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Дар асоси супориши Шурои диссертатсионии **6D.KOA-065** назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур протоколи №38 аз «12» 03 соли 2024 комиссия дар ҳайати доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Ташпулатов М.М., (раис), доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Бобохонов Р.С., (аъзо), номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Қурбонова Б.А. (аъзо) диссертатсия, автореферат, маводҳои ибтидоӣ ва мақолаи илмии аз рӯйи маводҳои ибтидоӣ ва мақолаҳои илмии аз рӯйи маводҳои диссертатсия чопшударо санҷида ба чунин хулоса омад:

**Асоснокkунии қабули рисола ба ҳимоя**

**Муҳимияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ:**

Илман асосноккунӣ ва дар амалия татбиқ кардани парвариши навъҳои гуногуни бодиринг дар кишти асосӣ ва такрорӣ бо роҳи интихоби навъҳои серҳосилу хушсифат, ки ба шароити иқлими минтақаи Данғараи вилояти Хатлон мувофиқ мебошанд, барои таъмин намудани талаботи аҳолӣ бо меваи тару тоза ва хушсифати бодиринги аз ҷиҳати экологӣ тоза, инчунин таъмини корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хом ва муайян кардани самаранокии иқтисодии парвариши ҳосили бодиринг дар давраҳои гуногуни кишт.

Яке аз роҳҳои асосии ҳалли ин масъала, дар минтақаҳои шароити табиии лозима дошта, гузаронидани корҳои илмию тадқиқотии аз нуқтаи назари иқтисодӣ самарабахш, татбиқ намудани тавсияҳои илман асоснок дар ҳамбастагии илму истеҳсолот, инчунин истифодабарии дастовардҳои таҷрибаи пешқадамро дар бар мегирад.

Заминҳои навобёришавандаи ҷумҳурӣ, аз он ҷумла мавзеи Данғараи вилояти Хатлон, манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ ба шумор рафта, парвариши зироатҳои сабзавотии барвақтию дерӣ ва аз як замин гирифтани ду се ҳосил, аз он ҷумла меваи бодиринг мувофиқи мақсад мебошад.

Навъҳои бодиринги дар майдонҳои гуногун парваришшаванда асосан ба касалиҳо тобовар набуда, ба шароити боду ҳавои минтақаҳо ҷавобгӯ нестанд. Зери таъсири чунин омилҳо ҳосилнокии растании бодиринг ва сифати молии он коста мегардад. Барои ҳалли ин масъала интихоби навъҳо, такмил додани усулҳои ҳимоя аз касаливу зараррасонҳо, илман асоснок намудани технологияи парвариши онҳо аҳамияти илмию назариявӣ ва амалӣ доранд.

**Навгонии илмӣ**

Бори аввал аст, ки дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, дар заминҳои навобёришаванда, омӯхтани хусусиятҳои хоси биологии навъҳои гуногуну дурагаи бодиринг бо гирифтани ду ҳосил дар давоми як сол ва риоя намудани талаботҳои агротехникии парвариши бодиринг таҷрибаҳои саҳроӣ гузаронида шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот**

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои илмӣ ва таҷрибаҳои саҳроӣ дар шароити заминҳои навобёришавандаи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, парвариши растании бодиринг дар кишти асосию такрорӣ бо мақсади рӯйёнидани ҳосили баланду хушсифати он барои таъмини аҳолӣ ва корхонаҳои коркарди саноатӣ пешбинӣ гардидааст. Вобаста ба

иқлими минтақа парвариши растании бодиринг бо технологияи илман асосноккардашуда, дар хоҷагии деҳқонии “Шомурод”–и ноҳияи Данғара, тайи солҳои 2020-2023 дар майдони 0,08 гектар таҷрибаҳои саҳрой гузаронида, дар майдони 4-гектар хоҷагии деҳқонии “Шомурод” ва 3-гектар дар хоҷагии деҳқонии (фермерӣ)-и “Насими кӯҳсор”-и ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон натиҷаҳояш дар истеҳсолот ҷорӣ карда шуд.

Барои интихоби навъҳои хушсифат ва ҳосили баланд дошта, дар кишти асосию такрорӣ бо иҷрои чорабиниҳои агротехникӣ ва истифодаи нуриҳои минералию органикӣ, бо истифода аз усули обёрии қатрагӣ, парвариши ҳосили бодиринг мувофиқи талаботи тавсияҳои мавҷуда гузаронида шуданд.

Дар натиҷа хоҷагидорон аз тавсияю пешниҳодот оид ба парвариши ҳосили баланду хушсифати навъҳои гуногуни бодиринг дар кишти асосию такрорӣ истифода намуда, ба самаранокии баланди молию иқтисодӣ дар минтақаи Данғара метавонанд ноил гарданд.

Ҷорӣ намудани кишти такрории (тобистона) бодиринг дар заминҳо пас аз кишти дигар намуди зироатҳо мувофиқи мақсад буда, ҳосили гирифташуда даромади иловагии зиёди молиро дар заминҳои обёришаванда таъмин менамояд.

**Саҳми муаллиф барои иҷрои диссертатсия.** Саҳми иштироки бевоситаи унвонҷӯй дар омӯзиш ва шарҳи таҳлили адабиёти илмӣ, коркарди барномаи тадқиқот, гузоштан ва иҷрои таҷрибаҳои саҳроию озмоишӣ, корҳои таҳлилӣ, ҷамъ кардани натиҷаҳо, таҳлили он, баҳодиҳии омории иқтисодӣ, тавсияҳои хулосавӣ, пешниҳодҳо ба истеҳсолот, тайёр кардани ҳисоботҳо ва мақолаҳои илмӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои тадқиқот 95 %-и ҳаҷми умумии диссертатсияро дар бар мегирад.

Диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич, дар мавзуи **“Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар**

**минтақаи Данғараи вилояти Хатлон"** новобаста ба он, ки баъзе хатогиҳои ба осонӣ ислоҳшавандаи имлоӣ ва услубӣ дорад, пурра ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Таҳлили диссертатсия якум ва дуюм маротиба аз ҷониби олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур муҳокима гаштааст (протоколи № 2 аз "26" 09 соли 2023).

Хулосаи комиссияи экспертӣ мусбӣ арзёбӣ карда шуда, ба кори илмии унвонҷӯ баҳои обективӣ дода шудааст. Кори диссертатсионии мазкур ба Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 658), аз 31-уми декабри соли 2008 оид ба рушди таъминоти илмии Комплекси агросаноатии мамлакат, Барномаи Рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №54) аз 1 марти соли 2023 қабул гардидааст, инчунин барномаи илмии кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро таҳти №0121 TJ1173 аз 01-уми январи соли 2021 дар бар гирифтааст.

Тадқиқотҳо дар асоси нақшаи барномаҳои илмию тадқиқотии тасдиқшудаи кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон» дар солҳои 2020-2023 амалӣ гаштааст.

Кори илмии унвонҷӯй Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич ба охир расонида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавӣ дошта ба шумор меравад. Натиҷаҳои асосӣ ва муқарраротҳои кори пешниҳодгардида дар Конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмию амалӣ ба ҳайати олимон ва устодони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба

номи Шириншоҳ Шоҳтемур (солҳои 2020-2022) пешниҳод гардида, қобили дастгирӣ шуданд.

Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионии Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич аз рӯйи шаҳодатнома ба ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, инчунин ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо Қарори раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии ба даст омада, хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ дар 9 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Шумораи маводҳои чопӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда мувофиқат мекунад.

Ҳангоми кори диссертатсионӣ оид ба истифодаи сарчашмаҳо ва дигар маводҳои илмӣ бо нишондоди манбаи бадастомада риоя карда шудааст. Кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, доир ба пайдарҳамӣ ва натиҷаҳои нави илмӣ ба талаботи ҳимоя ҷавобгӯ мебошад, ки аз сатҳи муаллифии кори диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳад.

Талаботи низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд, ки ба диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич муқарризони зерин таъйин карда шаванд:

А. Ба сифати муқарризон:

1. Назарзода Нигора Нураҳмад-доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биологияи ДДОТ ба номи Садридин Айнӣ;

2. Қурбонов Мавлон Муминович-номзади илмҳои кишоварзӣ, ходими калони илмии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ

Б. Ба сифати муассисаи пешбар: Институти биологии Помир ба номи академик Х. Юсуфбекови АМИТ

Чоп ва ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи дарназардошта ва автореферати диссертатсия дар сомонаи интернетии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
Нашркунии автореферат иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
Доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи ҳифз ва карантини растаниҳо, аъзои Шурои диссертатсионӣ — Ташпулатов М.М.

**Аъзоёни комиссия:**
Доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи сифат ва бехатарии маҳсулоти ғизоии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Бобохонов Р.С.

Номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи растанипарварии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Қурбонова Б.А.

Имзоҳои Ташпулатов М.М., Бобохонов Р.А., ва Қурбонова Б.А.-ро тасдиқ менамоям: сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Абдуҳалимзода Н.А.

ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ

“29” 03 соли 2024